Тақриз

ба автореферати рисолаи номзадии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзӯи: «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ихтисос 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат)

Автореферат ба масъалаи дорои аҳамияти калидии назариявӣ ва амалӣ — нақши ҳокимияти судӣ дар низоми таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон — бахшида шудааст. Ин масъала дар шароити тағйирёбандаи ҳуқуқӣ ва идомаи марҳилаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (аз соли 1991 то замони муосир) на танҳо аҳамияти илмию амалӣ, балки хусусияти стратегии сиёсӣ касб менамояд. Мавзӯъ ба талаботи замон дар самти таҳкими волоияти қонун, устуворсозии мустақилияти судҳо ва таъмини дастрасии муассир ба адолати судӣ мутобиқ буда, самти муҳими сиёсати ҳуқуқии давлатро инъикос менамояд. Муаллиф бо таҳлили амиқи заминаҳои конститутсионӣ ва меъёрии ҳуқуқ, баррасии барномаҳои ислоҳоти судӣ ва арзёбии натиҷаҳои амалии онҳо, мубрамияти мавзӯъро бо далелҳои мантиқӣ ва аргументҳои боэътимод асоснок менамояд, ки шаҳодати муносибати илмӣ ва таҳқиқоти амиқ дар ин самт аст.

Дар автореферат тамоми унсурҳои зарурии тадқиқоти илмии ҳуқуқӣ бо риояи меъёрҳои методологӣ ва услуби академӣ муфассал инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти омӯзиш ва предмети таҳлил, доираи хронологӣ (тақсимшуда ба ду марҳала: солҳои 1991–2006 ва 2006 то замони ҳозира), инчунин асосҳои назариявию методологӣ бо ишора ба усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ ва оморӣ бо тавзеҳи дахлдор баён гардидаанд.

Заминаи эмпирикии таҳқиқот маҷмуи васеи манбаъҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, аз ҷумла: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва

кодексҳои соҳавӣ, барномаҳои давлатӣ оид ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва фаъолияти судӣ.

Натиҷаҳои илмии бадастомада дар конфронсҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ гардида, 10 мақолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф нашр шудаанд, ки аз ин шумора 5-тояшон дар маҷаллаҳои таҳқиқотии тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой гирифтаанд. Ин нишондиҳанда сатҳи баланди эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои илмиро таъмин намуда, ба талаботи амалкунанда нисбат ба рисолаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ як қатор навгониҳои назаррасро пешниҳод менамояд, ки ба таҳкими асосҳои назариявию институтсионалии ҳимояи ҳуқуқи инсон тавассути ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, барои аввалин бор мафҳуми низомии «институти ҳимояи ҳуқуқи инсон» бо фарқгузорӣ аз мафҳумҳои ҳамҷавор таҳия гардида, нақши марказии ҳокимияти судӣ дар татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионӣ бо таҳлили амиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян шудааст. Функсияҳои ҳокимияти судӣ ба умумӣ ва махсус ҷудо гардида, низоми принсипҳои фаъолияти он пешниҳод шудааст. Муаллиф инчунин пешниҳоди як қатор тағйироту иловаҳои мушаххаси қонунгузорӣ, аз ҷумла ворид кардани ҳадаф ва принсипҳои судӣ ба Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳо», тавсеаи ваколатҳои Суди конститутсионӣ ва муқаррар кардани мавқеи ҳуқуқии он, манзур намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда, метавонанд дар қонунэҷодкунӣ, амалиёти судӣ ва таълими фанҳои ҳуқуқӣ самаранок истифода шаванд.

Ба таҳқиқот баҳои мусбати илмӣ дода шудааст. Хулосаву натиҷаҳо бо такя ба усулҳои муосири таҳлил, манбаъҳои мӯътамади миллӣ ва байналмилалӣ, иштирок дар конфронсҳо ва нашрияҳо асоснок

гардидаанд. Таҳқиқ бо риояи мантиқият, марҳилабандӣ ва ҳамбастагии назария бо амалия анҷом ёфта, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамзамон, як зумра пешниҳодҳои созанда пешниҳод шудаанд, аз ҷумла: зарурати марзбандии возеҳи истилоҳоти «соҳибихтиёрӣ» ва «мустақилият»; тавсеаи далелҳои эмпирикӣ; истифодаи васеътар аз таҷрибаи ИДМ ва ниҳодҳои байналмилалӣ; баррасии амиқи мақоми қарорҳои судҳо ҳамчун манбаи ҳуқуқ; дақиқсозии механизмҳои татбиқи мавқеи ҳуқуқии Суди конститутсионӣ; пешниҳоди нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти судҳо ва тавсеаи ҳамоҳангии омбудсмен бо судҳо. Ҳамаи ин пешниҳодҳо хислати созанда дошта, ба амиқтар гардидани таҳқиқ мусоидат мекунанд.

Новобаста ба ин дар рисола баъзе масъалаҳои баҳснок низ вуқуд дорад. Аз ҷумла, чӣ гуна муаллиф ҷойгоҳи меъёрии «мавқеи ҳуқуқии Суди конститутсионӣ»-ро нисбат ба қонун ва санадҳои зерқонунӣ муайян мекунад? Ин савол ба таҳлили мақоми санадҳои Суди конститутсионӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дахл дорад ва аз муаллиф даъват мекунад, ки робитаи мантиқӣ ва меъёрии қарорҳои Суди конститутсионӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус Қонун ва санадҳои зерқонунӣ, ба таври возеҳ тавзеҳ диҳад.

Эъроди баёншуда характери мубоҳисавӣ дошта, мазмуни рисоларо еоҳиш намедиҳад. Автореферат аз ҷиҳати таркиб, муҳтавои илмӣ, таҳлили назариявию ҳуқуқӣ ва пешниҳодҳои амалӣ ба талаботи амалкунанда барои рисолаи номзадӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Тадқиқот масъалаи мубрами тахкими нақши ҳокимияти судиро дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон бо амиқият ва муфассалият таҳлил намуда, навгониҳои назариявӣ ва таклифҳои амалӣ пешниҳод намудааст.

Муаллиф тадқиқотро мустақилона, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро намуда, рисолаи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи шиносномаи

ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат намуда, сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ мебошад.

Судяи суди ноҳияи Шоҳмансури
Шаҳри Душанбе,
номзади илми ҳуқуқшиносӣ Муродзода А.А.

26.09.2025